# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Рушди иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистони муосир бо як қатор тағйиротҳои куллӣ тавсиф дода мешавад, ки афзалият пайдо кардани масъалаҳои рушди минтақа ва соҳаҳо аз ҷумла онҳо ба ҳисоб меравaнд. Дар ин замина таҳқиқу баррасӣ ва асосноккунии назариявию амалии рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ, махсусан саноат мубрамияти бештар пайдо намуда, ташаккули сохторҳои нави хоҷагидорӣ самти стратегии рушди минтақаҳо эътироф мешавад. Вобаста ба ин дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ аз ҷумлаи самтҳои муайяншудаи рушди минтақаҳо мебошад. Бо такя ба гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки мавзуи интихобшуда дорои муҳимияти хос буда, натиҷаҳои ба дастомада дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Нурублоева Мадинабону Мавлоновна соли 2000 ихтисоси иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо дипломи «аъло» хатм намуда, фаъолияти меҳнатии худро соли 2005 дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон оғоз намудааст. Аз соли 2009 то соли 2012 ба сифати унвонҷӯй аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёти минтақавӣ қабул гардида, самти корҳои илмию таҳқиқотиаш масълаҳои мубрами рушди саноати минтақавӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давоми фаъолияти корӣ ва илмию таҳқиқотӣ Нурублова М.М. ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун муаррифӣ ва дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп намудааст. Ҳамчунин зимни фаъолият сазовори боварӣ ва эҳтироми ҳайати кормандон гардида, муаллифи дастурҳои таълимию методӣ мебошад. Дар давоми фаъолият як қатор вазифаҳои ҷамъиятиро софдилона иҷро намуда, шахси масъулиятшинос мебошад. Бо назардошти натиҷаҳои назарраси меҳнатӣ ва саҳм гузоштан дар тарбияи мутахассисони ҷавон бо як қатор ифтихорнома ва сипоснамаҳои соҳавӣ сарфароз гардонида шудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ҳаминро қайд менамоем, ки Нурублоева М.М. собиқаи калони омӯзгорӣ ва илмию таҳқиқотӣ дошта, зимни таҳқиқоти анҷомдодааш аз сарчашмаҳои ватанӣ ва хориҷӣ васеъ истифода намуда, ба сифати муҳаққиқи мустақил ташаккул ёфтааст.

Кори диссертатсионии анҷомдодаи Нуруброева М.М. дорои сохтор ва мантиқи хос буда, аз сарсухан, се боб, нуҳ зербоб ва рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби якум ***«Асосҳои назариявию методологии таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа»*** марҳилаҳои ташаккули консепсияҳои кластеризатсияи саноати минтақа, методология, принсипҳои ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва асосҳои институтсионалии рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар боби дуюм ***«Таҳлили саноати минтақа ва арзёбии заминаҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар вилояти Суғд»*** вазъи мусоири саноати минтақа таҳлил карда шуда, заминаҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ арзёбӣ ва омилҳои ба ин раванд таъсиррасон гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Дар боби сеюм ***«Самтҳои асосии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар вилояти Суғд»*** асосҳои ташкилию иқтисодии ташкили кластерҳои саноатӣ баррасӣ шуда, тарҳи намунавии кластери ҳудудию саноатии «Зарафшон» пешниҳод карда шудааст. Дар баробари ин бо назардошти зарфиятҳои саноати минтақа самтҳои асосии кластеризатсияи корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар минтақа илман асоснок карда шудааст.

Дар ***хулоса ва пешниҳодҳо*** натиҷаҳои асосии таҳқиқот оварда шудааст.

Натиҷаҳо ва муқарраротҳои илмии таҳқиқот дорои эътимоднокии баланд буда, дар сатҳи зарурӣ асоснок ва муаррифӣ карда шудааст. Муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомшуда дар маҷаллаҳои илмӣ ва маводҳои конференсияҳо чоп шуда, дар онҳо натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ асоснок ва пешниҳод карда шудаанд. Таҳқиқоти анҷомшуда, ки асосан фарогири таҳқиқоти масъалаҳои низоми саноати минтақавӣ ва кластерҳои ҳудудию саноатӣ мебошад, дорои як қатор навгониҳо мебошад, ки маҳсули таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф мебошанд.

Нуруброева М.М. ҳадафи таҳқиқот ва вазифаҳои асосии онро дуруст муайян намуда, интихоби оқилонаи объект ва предмети таҳқиқот имконият доданд, ки тавсияҳои асоснокшуда суроғавӣ ва дорои аҳамияти амалӣ бошанд. Зимни таҳқиқот аз маводи фаровони оморӣ низ истифода шуда, накшаву расмҳо ва ҷадвалҳои таҳлилӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин менамоянд. Хулоса ва пешниҳодҳои

муаллиф, ки дар ниҳояти ҳар як боб ва дар қисмати ниҳоии кори диссертатсионӣ оварда шудааст, асосонок буда, барои истифодаи амалӣ мутобиқ карда шудаанд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи **«Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмии Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, барои гузаштани марҳилаҳои ташхис ва ҳимояи ошкоро аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**муовини ректори Донишгоҳи**
**давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**оид ба робитаҳои байналмилалӣ**
**н.и.и., дотсент** **Қодиров Ф.А.**

*Дурустии имзои Ф.А. Қодировро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Аз «26» 08 соли 2023